# Забони рӯшонӣ (rixen ziv)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 30 October, 2017 - 22:03
Забони рӯшонӣ (rixen ziv) дар ноҳияи Рӯшони Тоҷикистон (аз резишгоҳи рӯди кӯҳии Бартанг, деҳаи Йемс дар соҳили рости дарёи Панҷ то деҳоти Вознавд ва Шиз) густариш ёфтааст. Тафовутҳои диалектологии дохили ин забон хеле кам ба назар мерасанд. Дар асри XX ҷиҳати ободонии водии Вахш бархе аз сокинони ноҳияи Рӯшонро ба ин водӣ кӯчонданд, ки ҳолозодагони ин муҳоҷирони рӯшонӣ дар ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон зиндагӣ мекунанд. Ба ин забон гуфтори мардумони водии Хуфи ноҳияи Рӯшон хеле наздик аст, аммо агар бархе аз муҳаққиқон онро ҳамчун як лаҳҷаи забони рӯшонӣ баррасӣ карда бошанд (1), бархе дигар онро «забони хуфӣ» номидаанд

Адабиёт
1. Мирзоуддинова С. Шеваи Хуфи забони рӯшонӣ.– Душанбе, 1988.
2. Соколова В.С. Рушанские и хуфские тексты и словарь. – М.-Л., 1959; Генетические отношения язгулямского языка и шугнано-язгулямской языковой группы. – Л., 1967.
3. Муфассалан ниг.: Карамхудоев Д. Бартангский язык (фонетика и морфология). – Душанбе, 1973.
4. Ниг. Зарубин И.И. Орошорские тексты и словарь // Памирская экспедиция 1928, вып 6. – Л., 1930; Курбанов Х. Рошорвский язык. – Душанбе, 1976

Бардошт аз «Муқаддимаи филологияи Эрон»-и А.Мирбобоев

**Content rating:** 5

Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Забони рӯшонӣ [1]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/11?mini=2026-01

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/43